# ТИРЕЗА

БЮЛЛЕТЕН

ҷилди 2, НАШРИ 5 / Махсус



# Ҷидду ҷаҳдҳои осиёи марказӣ

Куратори якумин павилони осиёи марказӣ (2005), ки он “Архиви актуалӣ” ном дошт, - санъатшинос ва назариётчии санъати муосири рус Виктор Мезиано буд, ки кашфкунандаи санъати осиёи миёнаи собиқ советии то ҳол ба ҳеҷ кас ношинос мебошад. Намоишгоҳ хеле калон ва бисёрҷанба шуда буд, зеро ки мақсади Павилон дар намоишдодани ҷараёни муосири эҷодии Осиёи Марказӣ, бо ҳамаи мавзӯъҳо ва воситаҳои гуногуншакли ифодакунии он, буд.

Дар соли 2007, дуюм павилони давлатҳои Осиёи Марказӣ пешкаш шуда буд, ки бо мавзӯъи мусиқӣ мутаҳидкунонида шуда, “Мусиқистон” ном гирифт (куратор: Юлия Сорокина. Қазоқистон). Дар барномаи асосии павилон рассоми тоҷикистонӣ Алексей Румянсев (видео-эҷодиёт “Кара-боло”) иштирок намуда буд. Видеои Ҷ. Холиқов “Фалак” дар барномаи махсуси - Медиатека, даровoрда шуда буд.



«Рассом хоб аст» Елена ва Виктор Воробёвҳо (Қазоқистон)

Дар 53-юм Биеннaлеи Венетсиягӣ Павилони Осиёи Марказӣ бори сеюм муаррифӣ шуда буд. Куратори павилон - Берал Мадра буд, ки санъатшинос ва куратор аз Туркия, яке аз асосгузорони Биеннaлеи Станбул, мебошад. Барал Мадра қарор гирифт, ки дар консепсияи павилони худ, аз муқаррароти экзотикии ба санъати осиёи марказӣ хос буда дур шаваду, диққати худро ба мазмуни интеллектуалӣ, аз ҷиҳати консептуалӣ комил будани асарҳои пешкаш шуда, гузорад. Павилони Осиёи Марказӣ “Таъсиси оламҳо” ном гирифт.

Эрмек Ҷениш – намояндаи насли аз ҳама ҷавони рассомони қирғизистонӣ мебошад. Аҷабаш он ки барои Эрмек санъат – касб нест, ӯ - духтур мебошад. Мумкин ки барои ҳамин, ба ӯ, нигоҳи тоза имконият медиҳад, ки якҷоякуниҳои навро дар муҳити одатшуда пайдо намояд. “Матоъҳои бардурӯғи дунё” силсила фотоасарҳои бо услуби коллаж иҷро шуда, ки буришро бо қайчиҳо тақлид мекунад, таассуроти якҷояшавии бемаънoии воқеъияти парадоксҳои ҳаётро мерасонад.

Асарҳои Анзор Салиҷонов - суратгир аз Бухоро, диққати маро ҳоло ду сол пеш аз ин, дар биенналеи Тошкентии санъати муосир, ҷалб карда буданд. Анзор Салиҷонов дар корҳои худ бо роҳи аз нав шарҳдиҳии таърихи санъат меравад. Ҳамчун асос, сужетҳои асарҳои классикони аврупоиро гирифта, рассом онҳоро бо мазмуни нав, бо ҷузъҳои ҳаёти худ, фарҳанги осиёимарказӣ, пур мекунад. Ба ҷои ҳаворихо дар “Шабнишинии махфӣ” ҳам Анзор ва ҳам ҳамсари ӯ, дӯстон ва ҳамкоронаш иштирок менамоянд, ва дар рӯи миз бошад палав ва нонҳои – оддатӣ гузошта шудаанд. Тамасхуромезӣ, ё ҳатто гуфтан мумкин ки шӯхии бо фотошоп кардашуда, дар ҳақиқат байни муносибатҳои Ғарбу Шарқ саволҳои ҷиддиро оварда, худ як тасвири ҷараёни ташаккулёфтае дар санъати осиёимиёнагӣ мебошад – яъне, саъю кӯшиши доимии рангҳои маҳаллиро нишон додан, ё “ҷавони аз дигарҷо омадаро ба нозанини маҳаллӣ тӯй додан”, мебошад.

Маҳз бо ҳамин чиз рассоми қазоқистонӣ Оксана Шаталова “кӯшиши мубориза бурданро дорад”. Агар гӯем, ки “дар санъат интенсияҳои шарқии машҳур (аз рӯи сухани Эдвард Саид) на танҳо бо Ғарб балки ҳатто бештар бо худи Шарқ, таҷдид мешаванд. Агар ки сухан дар мавриди Осиёи собиқ советӣ гӯем, дар он сурат бисёри лоиҳаҳои таҷдидшавандаи мо, бо ин ё он тарз “аслияти осиёгии” худро таъкид мекунанд”. Оксана бошад кӯшиш менамояд, ки бештар аз “аслияти осиёгии” худ дур шавад, ки хусусан ин ҳам шартан мебошад, зеро ки ӯ рассоми миллаташ рус буда дар Қазоқистон зиндагӣ мекунад. Ӯ кӯшиш мекунад, ки ба ҳолати дар муҳити бештар мазмуни универсалӣ дошта, аз берун нигоҳ кунад.

**Давомаш дар саҳифаи 3**

## Он ҷое, ки одамон ва эҷодиёт во мехӯранд

www.bactria.net

Schweizerische Eidgenossenschaft
Confédération suisse
Confederazione Svizzera
Confederaziun svizra

Swiss Confederation
Конфедерация Швейцарии

Ҳайати муҳаррирон: Георгий Мамедов, Адриенн Рушка, Анна Басанова (муҳаррир)
Тарҷумонҳо: Фарух Кузиев, Толиб Бахромӣ, Адриен Рушка, Роҷер Гранвилл
Суратҳо: Ҷамшед Холиқов, Антон Рухлов. Дизайни муқова: Антон Рухлов.

Партнеры: ACTED, Посольство Франции, Посольство США, Швейцарское Управление по Развитию и Сотрудничеству.

# Кӯшишҳои осиёи марказӣ *давомаш*

Дар намоиши SPA Мумификатсия – рассом ба ваннаи бо шир пур кардашуда даромада, бо ҳамин симои шаҳватангез ва тасаввуф меофарад – яъне беайният ва дар айни замон тассавуроти ба лафзи, аз анъанаи “ғарбӣ” ва “шарқӣ”, маъмулшуда – спа-салони пурранг барои қадршиносони чизҳои табии ё он ки, ваннаи ширии анъанавии шоҳзодаи шарқ. Дар намоишгоҳ ин намоиш бо шаш сурат ва наворе пешкаш шудааст.

Елена ва Виктор Воробёвҳо, зану шавҳар ва дуэти санъатӣ аз Қазоқистон ҳастанд - “ба мо робитаи мутақобилаи ботинӣ дар ҳаёти воқеӣ муҳим аст. Олами дар гирду атроф будаи худро сурат гирифта мо ин робитаҳои мутақобиларо ба ҳамвории визуалӣ мебарорем ва онро ба тамошобин ҳамчун маҳлули тамаркуз кардашуда пешкаш менамоем. Лекин дар сурати алоҳида ҳам ба мо яклухтӣ, мукаммалӣ, сеҳри воқеият (документалӣ), зарур аст”. Яке аз инсталятсияҳои дар павилон ба намоишгузоштаашон “Рассом хоб аст”,



Фото лоиҳаи Ҷамшед Холиқов «Истгоҳҳо»

мебошад. Рассом хоб аст ва ӯро бедор кардан, ҷунбондан, ба коре даъват кардан фоида надорад – мегӯянд, муаллифон. Танҳо интизор шудан лозим аст, то ки ӯ худаш бедор шавад ва ба дунё шоҳасареро офарад. Рассоми хобанда, ин ҳам оне, ки дар кисааш шаҳодатномаи Иттифоқи рассомон ва намоишгоҳҳои ҳисоботиро дорад, ва мумкин ки боз ҳар яки мо бошем – одамони мутаффакир ва бо эҳсосот, гоҳ-гоҳ аз фикру эҳсосоти худ метарсидагӣ.

Истгоҳи автобус ҳамчун асари бадеӣ, мисли рамзи давра, мисли таҷассуми беақлӣ ва ифроткории бюрократӣ, мисли як чизи муҳим ва гаронбаҳо дар зиндагӣ, мебошад. Маҳз ҳамин тавр, ва шояд боз ягон таври дигар, рассом аз Тоҷикистон - Ҷамшед Холиқов, ба мо даъват мекунад, ки ба истгоҳҳо назар кунем. Фото-лоиҳаи “Истгоҳҳо” – дар худ зиёда аз 200 сурати истгоҳҳои дар ҳар гӯшаю канори Осиёи Миёна – Тоҷикистон, Ӯзбекистон, Қирғизистон акс гирифташударо дар бар мегирад. Ин аз ҳама кори самимии Ҷамшед мебошад. Вай дар бораи ҳама чиз – дар бораи замона, одамон, давлат ва дар бораи худаш мебошад. Дар бораи истгоҳҳои надидаи худаш ва дар бораи он истгоҳҳое, ки ӯ дар онҷо барои автобуси лозимиро нигоҳкардан хеле дер истодааст. Дар истгоҳҳои Ҷамшед Холиқов ҳама чизро дидан мумкин – Рамзҳои давраи гузаштаро, лоиҳаҳои модернистӣ ва контруктивистӣ, конструксияҳои якхелаи “баднамуд”, манифестҳои идеологӣ, вале эҳтимол аз ҳама камтар дар онҳо самтҳои мунтазиршавии нақлиёти умумӣ хонда мешавад. Функсионалнокии конструксияҳо ва муассисаҳои ҷамъиятӣ бо карруфари идеологӣ иваз карда шуда буд, бо маънохои ниҳонӣ пур мешуд, ҳамчун фазое барои баамалбарории ғояҳои санъатӣ шуда буд. Гӯё акнун ҳама чиз ба ҷои худаш омадагӣ барин менамояд - дар шаҳрҳо истгоҳҳои кӯҳнаи азимро бо конструксияҳои функсионалии фақат аз шишаю оҳан тайёршуда, иваз кунанд, ва дар роҳҳои байни деҳотҳову кӯҳистонҳо бошад - нақлиёти умумӣ гӯё ҳеҷ вақт лозим ҳам набуд, аммо истгоҳҳои кӯҳна бошад, акнун вазифаи навро иҷро мекунанд ё он ки вайрон ва валангор шуда истодаанд, ва ҳеҷ кас ба онҳо коре надорад… Вале эҳсосоте ором намегузорад, ки гӯё чизи бисёр муҳим ва қиматнок, бо охирон автобуси хатсавора, аз ҳаёти мо рафт.

**Аз 5-ум то 25-уми сентябр дар МФ “Бохтар” намоишгоҳи Ҷамшед Холиқов “Истгоҳҳо” гузаронида мешавад, инчунин корҳои чопӣ, электронӣ ва видеоии лоиҳаҳои байналхалқӣ, павилонҳои миллӣ ва рӯйдодҳое, ки дар 53-юм Биенналеи Венетсия ҳамҷоя гузашта буданд, пешкаш хоҳанд шуд.**

*Георгий Мамедов*
**Душанбе-Венетсия**

# Венетсия: зудтар, баландтар, зӯртар…

Венетсия, бешак дар қатори он шаҳрҳоест, ки алоҳида ва пурдавом нақл карданро сазовор мебошанд, ва агар имконият бошад онро ҳатман дидан лозим аст. Ташрифи ман ба Венетсия бошад, бо кушодашавии (аслан, мақсади ташриф маҳз ҳамин буд) рӯйдоди бузурге дар олами санъати муосири визуалӣ - Биенналеи Венетсия рост омад. Номи пуррааш Намоишгоҳи байналхалқии бадеӣ - La Biennale di Venezia, ки онро дар олами санъат, аксар вақт, бо Бозиҳои олимпӣ баробар мешуморанд. Дар ҳақиқат, Биенналеи Венетсия таърихи зиёда аз сад соларо дар бар мегирад, ва то ҳол биеннале яке аз рӯйдодҳои муҳим ва бузург ба шумор меравад, ки он ҳамчун бозиҳои олимпӣ диққати одамони зиёдеро, ҳам ҳунармандон ва ҳам "мухлисони" ин санъатро, ҷалб мекунад. Вале монандии ҷиддии байни биеннале ва бозиҳои олимпӣ - дар иштироки миллӣ мебошад. Санъат аз тамоми давлатҳои ҷаҳон дар павилонҳои миллӣ - толорҳои махсуси намоишӣ ва галереяҳо, пешкаш шудааст, ки аз они давлатҳо мебошанд ё онҳоро иҷора гирифтаанд. Мисол, бинои павилони русӣ соли 1911 бо нақшаи меъмор Шусев сохта шудааст. Павилони олмонӣ бошад дар давраи фашистҳо сохта шудааст ва дар услуби меъмории худ аломатҳои ҳамон давраро дорад, ки ин мавзӯъ аз тарафи худи рассомони олмонии дар онҷо иштирок мекардагӣ, доим танқид карда мешавад.



Боғҳои топологии Брюс Наумен

Лекин барномаи асосии биенналеро намоишгоҳи байналмиллалӣ ишғол менамояд. Консепсия, ҳайати иштирокчиён ва тартибу низоми намоишии онро куратор (роҳбар), яъне директори биеннале, ки аз тарафи ташкилотчиёни биеннале даъват мешавад, муайян мекунад. Чунин намоишгоҳ бо принсипи худмуаррифии миллӣ ҳеҷ вобаста нест ва иштироки рассомон дар он танҳо аз мувофиқати асарҳои онҳо бо консепсия ва табъи баёншудаи кураторон, вобаста мебошад.

Директори 53-юм Биенналеи Венетсиягӣ, куратор ва галерист Даниел Бирнбаум буд. Дар олами санъати муосир номи ӯ бисёр машҳур аст. Ӯ муаллифи як қатор китобҳои доир ба назария ва таърихи санъат, куратори рӯйдодҳои калони байналхалқӣ, мисли, ду Биенналеи Москва, мебошад. Номи намоишгоҳ - "Таъсиси оламҳо" (Making Worlds) маҳз аз тарафи ӯ пешниҳод карда шудааст - Ин ибора ба забони ҳамаи давлатҳое, ки рассомони онҳо иштирок намуда буданд, тарҷума шуда буд, инчунин ба забони тоҷикӣ - "Таъсиси оламҳо".

Ба ғайр аз павилонҳои миллӣ ва намоишгоҳи асосӣ, дар биеннале шумораи зиёди рӯйдодҳои ба ҳам наздик мегузаранд – намоишгоҳҳои коллексияҳо ё осорхонаҳои алоҳида, пешниҳодҳои лоиҳаҳои махсус. Аз рӯи шарти биеннале ҳамаи ин лоиҳаҳо бояд танҳо аз тарафи ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ пешниҳод шаванд. Дар биеннале санъат фурӯхта ва харида намешавад.

Нақл кардан он сӯ истад, ҳатто ҳамаи чорабиниҳои биенналеро, эҳтимол дидан душвор аст. Барои ҳамин дар ҳудуди ин мақола ман ҷуръат мекунам танҳо дар бораи он рассомоне ҳарф занам, ки асарҳои онҳо ба ман таассуроти зиёдтарро гузоштаанд. То он ки андешаам беғаразона бошад, як чизро қайд кардани ҳастам, ки боз яке аз монандиҳои Биенналеи Венетсия ба бозиҳои олимпӣ - дар рақобатнокии он мебошад. Дар маросими кушодашавии расмии биеналле, ки дар он президенти Италия иштирок мекунад, ба павилон ва рассоми беҳтарин мукофотҳо – «Шерҳои тиллоӣ» дода мешавад. Инчунин ҳайати ҳакамон метавонанд рассоми ҷавони беҳтаринро ё ҳали беҳтарини кураторӣи ин ё он лоиҳаро қайд кунанд. Дар 53-юм Биенналеи Венетсиягӣ павилони миллии беҳтарин аз они ИМА шинохта шуда буд. Дар он, классики зиндаи консептуализми америкоии солҳо 1960-ум, Брюс Наумен, намоишгоҳи ретроспективии худ - «Боғҳои топологӣ» -ро (Topological Gardens) пешниҳод кард. Объекти тадқиқоти санъатӣ барои Наумен, санъат ва рассом - чун тавлидкунандаи санъат, мебошад. Дар кори рассомии ӯ мазмуни асосиро бадан ишғол мекунад, аниқтараш узвҳои он – мисол, даст, дастони рассом, ки ба дӯши онҳо вазнинии асосии «тавлидкунии» санъат хобидааст. Ӯ инчунин дар асарҳояш сарро бе аҳамият нагузоштааст. Одатан, аз ин сар об мебарояд – мисли шахси, ботини худро изҳоркунанда, яъне ин тафсири маҷозии рассом - тавлидкунандаи санъат, мебошад.

# Венетсия: зудтар, баландтар, зӯртар… *давомаш*

Ин «Шери тиллоӣ» барои павилони беҳтарин, баҳсҳои зиёдро, агар ғазаб нагӯем, ба вуҷуд овард. Ҳисобида мешавад, ки биеннале на он ки комёбиҳои гузаштаро, балки самтҳои асосииояндаро бояд муайян кунад. Барои ин мақсадҳо мукофоти махсус вуҷуд дорад – барои саҳмгузорӣ дар соҳаи санъат, дода мешавад. Имсол дорандаҳои «Шерҳои тиллоӣ» барои ҳамин саҳм Йоко Оно ва Ҷон Балдесарӣ шуданд. Йоко Оно – ба мо пеш аз



Тамошобинон чизҳои намоишгоҳро истифода менамоянд.

ҳама ҳамчун ҳамсари Ҷон Леннони фавқулодда маълум буда, ӯ яке аз асосгузорони перформанс, ҳамчун жанри санъати визуалии муосир, мебошад. Ҷон Балдесарӣ бошад, боз намояндаи консептуализми америкоӣ, яке аз обрӯмандтарин ва маънидортарин рассомони муосир мебошад, ки ӯ, ба гуфти аъзои ҳакамон тавонистааст услуби визуалии худро эҷод карда, ба эҷодиёти чанд насли рассомони дигар таъсири худро гузорад.

Шарм медорам, ки ман ба лоиҳае, ки муаллифаш Тобиас Реберг (Tobias Rehberger) аз Олмон мебошад, ва ҳамчун ба рассоми беҳтарин ба ӯ, «Шерри тиллоӣ» дода шуд, диққат надодам (ба вуҷуди он ки аз наздаш чандин бор мегузаштам). Лоиҳа бо худ ороиши дохили қаҳвахонаи биенналеро муаррифӣ мекунад… Мукофот ба рассом маҳз барои ҷузъиёти санъатро бо тарзи ғайристандартӣ муаррифӣ намудан, дарк намудани таъиноти он, ки берун аз фазои намоишии оддӣ ба фазои функсионалӣ мебароянд, дода шуда буд.

Дар воқеъ ин эҷоди хунар дар бисёр ҷиҳатҳо самти асосиро дар санъати муосири визуалӣ аз нав муаррифӣ мекунад - яъне якшавии ниҳоят бештарро бо зиндагӣ, бо ҳаррӯза.

Санъат, ки мо онро ҳоло кам-кам бошад ҳам, вале тасвирӣ меномем, аллакай кайҳо чунин нест.Баръакс, санъати муосири визуалӣ кӯшиш мекунад, ки аз тасвирнамоии ҳаёт, аз нав бавуҷудоварии сунъии он дур шуда, бештар табиӣ ва ба ҳаёт наздик шуданро кӯшиш мекунад, на муқобили ин.

Кори Роман Ондак (Roman Ondak) *Гиреҳ* (Loop), ки дар павилони Чехия ва Словакия пешкаш шуда буд, дар ин саъю кӯшиш равшанӣ ва осонии бештарро ба даст меорад - рассом дар даруни павилон ҳамон хел буттаҳоеро, ки дар гирди бино мерӯянд, шинонда, бо ҳамин сарҳади байни беруну дарунро, табиӣ ва сунъиро тоза мекунад.

Пиндошта мешавад, ки санъати муосир бояд воқеъӣ бошад, яъне масъалаҳои ҷиддии иҷтимоӣ ва сиёсии имрӯзаро инъикос намояд. Чунин санъат аксар вақт кӯтоҳмуддат менамояд, яъне «бар қасди ҳамин рӯз», ҳатто аз як ҷиҳат ба соҳаи рӯзноманигорӣ ва нашриёт медаромадагӣ барин аст. Шахсан ман, ба чунин санъат, бо дилхунукӣ назар мекунам, аммо яке аз ҳамин хел лоиҳаҳо ба ман таассуроти калонро гузошт. Рассоми эстонӣ Кристина Норман ба проблемаи мансубияти миллӣ, аз миқёси рӯйдодҳои ду сол пеш гузашта, рӯй овардааст. Асараш ба воқеаи аз маркази шаҳр ба қабристони аскарон, кӯчонидани муҷассамаи озодкардагони Таллин - «Аскари биринҷӣ», чи тавре ки меномандаш, вобаста карда шудааст. Ҳодисаҳои моҳи маи соли 2007 ҷомеаи эстонҳоро ба ду гурӯҳи оштинопазир ҷудо карда буд. Ҳамчун лоиҳаи бадеӣ, мумкин ки зиёдтар аз он, ҳамчун қарорӣ граждание, Кристина нусхаи аз гаҷ кардашудаи «тиллоии» «Аскари биринҷиро» бо андозаи ҳақиқӣ сохта онро дар ҷое, ки муҷасама меистод, мегузорад. Дар гирди муҷассама одамон ҷамъ мешаванд - асосан аҳолии русзабони Эстония.



Кори эҷодии Роман Ондак «Гиреҳ».

# Венетсия: зудтар, баландтар, зўртар… *давомаш*



Қисме аз инсталятсияи лоиҳаи данияву-норвегия «Коллексионер»

Аммо вай дар он ҷо дер истода натавонист. Вай дар лоиҳаи худ, ки *Баъд аз ҷанг* (After-War) ном дорад, инчунин ҷиҳати ҳақиқии рўйдодро сабт кардааст - аз наворҳои пуртаъсири гулшиноні ва табрикотии ветеранҳо дар рўзи 9-уми май сар карда, то наворҳои шармовар ва нафратовари ҷавонони ғазабнок, ки ба ҷои пешина баргардонидани муҷассамаро эътироз намуда, бо ин, якбора бутикҳо ва дўконҳои хўрокворӣро валангор мекарданд. Ба ҳеҷ ягон хулосагўӣ иддао накарда, ин кори эҷодӣ ба гуфти як шиноси ман «бо пуррагии баёнот касро тарафдор мекунад».

Дар мавзўъи ба мо воқеӣ - муҳоҷирати меҳнатӣ, як рассоми полякӣ Кшиштоф Водичко бо лоиҳаи *Меҳмонон*, худро изҳор кардааст. Фазои торики дарунни павилон бо овозҳо пур шудааст, ки танҳо бо тарҳи симои муҳоҷирони меҳнатӣ - мардону занони ба Полша аз ҳар гуна давлатҳои дунё меомада ва бо ҳар гуна забонҳо ҳарф мезада, фарқ карда мешавад. Онҳо қиссаҳои хурди худро нақл мекунанд - кадоме шиносномаашро гум кардааст, ба касе корфармо пул надодааст… Вақте ки аз дўстонам дар бораи ин кори эҷодӣ шунидам, ман фикр мекардам, ки дар тарзи визуали онро ҳоҳам дид, ки тундии масъалаи бардоштаро қайд мекардагӣ бошад, аммо каме ноумед гардидам, ба назари ман, бо сохтакорӣ доштани ин инсталлятсия.

Дуэти рассомону кураторони даниягиву-норвегӣ Майкл Элмгрин ва Ингара Драгсет (Elmgreen & Dragset), ки аз тарафи ҳайати ҳакамон, барои корнамоии кураторӣ, махсус номбар шуда буданд, лоиҳаи калонеро бо номи «Коллексионер» (The Collector) иҷро намуда, павилонҳои Дания ва Скандинавияро (Норвегия, Шветсия, Финляндия), ки дар ҳамсоягӣ буданд, ба хонаҳои истиқоматӣ табдил доданд. Интерери ин хонаҳоро корҳои 24 рассом ва дизайнерони байналхалқӣ, инчунин, асарҳои ин ду эҷодкор, ташкил намуданд. Чунин тафсири фазои намоишгоҳ, боз як кўшиши ниҳоят бештар ҳамҷоя намудани санъат ва ҳаёт буда, ба тамошобин эҳсосоти ба ҷои ниҳонӣ, оилавӣ, як дараҷа монанди ҳамон гапи «хасро аз хона намебароранд» барин, ворид шуданро медиҳад. Кураторон қасдан ҷузъиёти намуди зоҳирии кори намоиширо - қариб ки бо ҳамаи чизҳо, тақвият доданд. Ҷузъҳои интерерро истифода намудан мумкин буд, масол рўи миз нишастан, ба диван дароз кашидан, аз раф китобро гирифтан (дар мавридаш гўям, ман ҳам дар он ҷо китоберо ёфтам, ки он дар китобхонаам ҳаст).

Тафсири начандон калони павилонҳои Венетсияро ҷамъбаст карда, қайд мекунам, ки аз Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, ба ғайр аз Россия, павилонҳои худро Озорбойҷон, Арманистон, Гурҷистон ва Украина пешкаш намуда буданд.

Шавқи бештарро павилонҳои русӣ ва украинӣ овардаанд. Вале ин завқи бештар фароғатӣ буд, на он ки санъатӣ. Кушодашавии павилони русӣ бо шабнишинии аз ҳама олиҷаноб дар меҳмонхонаи аз ҳама қимат дар Венетсия гузаронида шуда буд, ки дар он гўё ба сафари саёҳатӣ (яъне онҳо танҳо барои маҳфили шабнишинӣ омада буданду намоишгоҳро надиданд) соҳибкорони калони рус - аъзои клуби «Сноб» - шарики расмии павилони русӣ, даъват карда шуда буданд. Ҳаводори асосии санъати муосир Борис Абрамович ҳам, дар Венетсия номаълум намонд, ки ба Венетсия бо яхтаи худ ва бо дугонааш Даша Жукова омад. Даша муассиси маркази москвагии фарҳанги муосир «Гараж» мебошад, ў ҳамон ҷо, дар яхта рўзи таваллуди худро қайд намуд. Ана ҳамин тавр санъат вазифаҳои иҷтимоии худро ҳал мекунад…

Давлатҳои Осиёи Марказӣ - Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон ва Ўзбекистон бо павилонҳои минтақавӣ муаррифӣ шуда буданд. Дар бораи павилони Осиёи Марказӣ ва рассомони дар он иштирокварзида шарҳи алоҳида нашр хоҳад шуд.

***Георгий Мамедов (Венетсия – Душанбе)***




Павилони Украина

# Филмҳои венетсиягӣ дар моҳи сентябр

**Дар чаҳорчӯбаи оғози синамо-фестивали венетсиягӣ, мо мехостем, ки ба диққати шумо иштирокчиёни пешинаи ин рӯйдодро муаррифӣ намоем. Дар синамонамоишҳо намунаҳои намоёни равияи «синамои дигар», мисли «Рестлер»-и Дарен Аранофски, ки соли гузашта шерри теллоиро ноил гардид, филм «Вожделение»-и Анг Ли, бо шери тиллоӣ дар соли 2007, «Бумажный солдат», иштирокчии 2008-ум сол ва дорандаи мукофот барои кори беҳтарини операторӣ, ва инчунин филми «Дикое поле» ва «Кош ба Кош», иштирок менасоянд.**



Навор аз филми «Рестлер»

«Рестлер» бо ҳама шукӯҳу ҳашамати худ филми ниҳоят беҳамто мебошад. Моли донашумор. Он чое, ки дар воқеият аллакай боксёри пири дар вақташ саломатии худро барои принсипҳои мардона эҳтиёт нокарда ва аз намоишкорона луч кардани вайроншавии худ шарм надошта, дар синамо рестлери пири дар синни 15 солагии худ, бо риояи қоидаҳо зиндагӣкунанда, мебошад.

Рэнди «Таран» Робинсон – монанди бриллиант – шикаста шуда ва вайрон шудаистода, бадбахт ва танҳо, қариб ки бедарухона мебошад. Айбе нест, агар чунин шахсро раҳм карда ашки чашмонатон биёяд, барои ҳамин худатонро нақапед – бо ашкони секатора гиристан гиред.

Ақидае ҳаст, ки «Рестлер» бештар барои ба ӯ ғамхӯрдан неву, балки барои андеша намудан офарида шудааст. Ҳамчун далели ин, ҳатто гуфтан шарм мекунам, сенарияи пуррае, ки дар он ба персонажи Рурк раҳме нест, мебошад - ақалан барои он ки ӯ, ба одами ногаҳон дарк намудае, ки чӣ гуна душвории гувороро ба ӯ коинот тайёр намудааст, монандӣ надорад. Албатта, драма ҳам вуҷуд дорад, вале зеро ки худи филм шиори «Хайр чиро шумо мехостед? Чизеро ки сазовор буд, ҳамонро гирфт.» -ро, риоя мекунад, аз ин сабаб, ягон намуди таҳқиркунӣ дида намешавад.

«Рестлер» гӯё аз мо мепурсад, ки: агар ҳамаи он корҳою воқеаҳои Рэнди оина ва дуд бошанд, пас барои чӣ доғҳои ҳақиқӣ ҳастанд? Ӯ дарҳол ва бераҳмона ҷавоб медиҳад, ки чунин мафҳум мисли имконияти дуюм тамоман вуҷуд надорад, фақат якто ҳаст, ва баъд аз интихоб кардан камтарин чиз мемонад – шарманда нашудан. Ва сарфи назар аз он ки шумо чи фикр кардаед, филм барои қаҳрамони асосӣ танҳо бо тарзи хушбахтона тамом мешавад.

Ақалан як бор ҷаноби Аранофски синамои комилан фаҳморо ба навор гирифтааст – ва ҳар кас барои онро бо тарзи худаш қабул кардан, озод ҳаст. Охир чунин достонҳои Дарен Аранофскиро, мисли «Фонтан» ва «Реквием по мечте»-ро аз хотир баровардан мушкил аст, ва ман бо ин хурсанд ҳастам. Ба Микки Рурк таъзим ва суханҳои сипосгузорона.

## «Вожделение» Анг Ли


Навор аз филми «Вожделение» (Нафсоният)

Гуфтан душвор аст, ки ошиқ-қаҳрамонони асосиро чӣ мақсаде ба амалҳои фалокатовар тела медод: шояд ин рағбат буд, ё шояд, сарфи назар аз ҳама чиз, нафрат бошад. Ё шояд, маҳз ҳамин аст ишқи ҳақиқӣ?

Ба назар менамояд, ки Анг Ли изҳор кардани буд, ки қувваи асосӣ, ё худ моҳияти филм – дар номаш мебошад. “Вожделение” (Нафсоният) - ин охир ягона калимаи хоҳишро ба ҳаракат мевардагӣ, хоҳиши дигар инсонро ба худ мекашадагӣ мебошад – ва, муҳимаш дар он аст, ки ин хоҳиши эгоистӣ аст. Ва ҳамин тавр, маҳз дар эгоизми ду қаҳрамони асосӣ ҳамаи филм сохта шудааст – ва тамошо намудани ин ду шахсиятҳои бақувват, шахсиятҳои нафис ва тобовар, вақте ки онҳо дар ҳолати аз ягдигар мӯҳтоҷ шудан наздик ҳастанд – лаззати ҳаяҷоновар мебошад.

*Рустам Пахомов.*